**«ТАСДИҚ ШУДААСТ»**
**Бо Фармони Директори генералии**
**ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»**
**________________Раҳмонов Б.Р.**
**аз «08» ноября соли 2025, №165/25**

# ҚОИДАИ
# СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Душанбе – 2025**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан (минбаъд – «Қоида» ё «Қоидаи суғурта») мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1.2. Шартҳое, ки дар Қоидаи суғурта мавҷуданд ва ба матни Шартномаи суғурта дохил карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ҳатмӣ мебошанд, ва худи Қоида дар сомонаи расмии Суғуртакунанда дар шабакаи иттилоотӣ – коммуникатсионии «Интернет» бо суроғаи: www.spi.tj ҷойгир шуда бошад ё Қоида дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ё дар саҳифаи қафои он зикр шуда бошад ва ё ба он замима карда шуда бошад. Дар ҳолати охирин ба Суғурташаванда супоридани Қоидаи суғурта ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо қайд шудани он дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **фаъолияти суғуртавӣ** – фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

– **мақоми назорати суғуртавӣ** – Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад;

– **суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (мукофоти суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

– **азнавсуғуртакунӣ** – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии ухдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

– **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

– **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

– **мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ухдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мухлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

– **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

– **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

– **сирри суғуртавӣ** – сирри тиҷоратии Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда ва ё маълумоти дигар оид ба Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда, ки дар амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва шахси фаъолияти миёнаравии суғуртавиро анҷомдиҳанда (агент, брокер) маълум гардидааст;

– **шартномаи суғурта –** шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда ухдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ухдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад;

– **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани ухдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

– **Ба наклиёти роҳи оҳан инҳо шомиланд:**

- Қатори поезди тягадор состав локомотивҳо (электровозҳо, тепловозҳо ва г.),
- дизелқатораҳо, турбоқатораҳо, автомотрисҳо, авто - ва мотодрезинҳо, мотовозҳо;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- Вагонҳои муссофирӣ, почтавӣ, бағоҷӣ, почтавӣ-бағоҷӣ, вагонҳо-тарабхонаҳо, хизматию техники (хизматӣ, клубӣ, санитарӣ, таҷрибавӣ ва лабораторияхои ченкунӣ ва дигар вагонҳои махсуси намуди мусофиркаш);
- Вагонҳои боркаши пушонидашуда, нимвагонҳо, платформаҳо, вагонҳои махсусгардонидашуда барои ҳамлу нақли мусофирон (вагонҳои шакли бункерӣ, термосҳо, вагонҳои рефрижератӣ, ғалакаш, ҳамлу нақлкунанда, ҳамлу нақл кунандаи контейнерҳо, ҳамлу нақл кунандаи семент, вагонҳо барои ҳамлу нақли чорво, моҳии зинда, сақичҳо, автомобилҳои сабукрав, инчунин вагонҳои махсусгардонидашудаи намуди боркаш);
- Қатораҳои поезди махсус, қатори ҷудонашавандаи ягона барои дар роҳи оҳан барфтозакунак, барфгиранда ва мошинаҳои тозакунаки шағалҳо, балластерҳо, тахткунандаи роҳ, кранҳои боркунӣ, дрезинаҳо ва ғайра.

## 3. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғурта ин манфиати амволии Суғурташванда, ки бо соҳибӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдории воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи осеб дидан, нест шудан, гум шудан, ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё дуздидани он мебошад.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Субъектҳои суғурта, ин Суғуртакунанда ва шахсоне ба ҳисоб меравaнд, ки дар Шартномаи суғурта ба сифати Суғурташаванда ва Фоидагиранда нишон дода шудаанд.

4.2. Ба сифати Суғуртакунанда ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» баромад мекунад, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ мекунад.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Ба ҳодисаи суғурта осеб дидан, нест шудан ё гум шудани нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи ҳодисаҳои зерин дохил мешавад:

– чапашавӣ, садама, ба ҳамдигар задан, аз релсҳо баромадан (ҳам дар сафарҳо ва ҳам ҳангоми корҳои ҳар рӯза), оташ, таркиш, офатҳои табиӣ (вулқон баромадан, заминҷунбӣ, тундбод, тӯфон, афтидан, сел, афтидани кух, обхезӣ, қувваи раъду барқ) пастшавии қум, афтидани ағба, осеб дидани мост, осеб дидани корҳои технологии боркунию борфурорӣ, амалҳои ғайриқонунии шахси сеюм, афтидани объектҳои парвозшавандаи пиломертӣ ё қисматҳои он, ки ба таъмири нодуруст ё аз инвентар хориҷ шудан оварда мерасонад;

– гум шудан, яъне бе ному нишон дуру дароз набудан на кам аз 40 рӯз.

5.2. Ба ҳодисаи суғуртавӣ осеб дидан, нест шудан ё гум шудани нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи ҳолатҳои зерин дохил намешавад:

– амалҳои ғайриқонунии Суғурташаванда, ки ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғурта ё мусоидаткунанда ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғурта, бо истиснои амалҳое, ки дар ҳолати зарурати мудофиа ё зарурати ҳатмӣ содир шуда бошад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– вайрон кардани Қоидаи бехатарии сухтор, Қоидаи бехатарии техникӣ, Қоидаи истифода ва ҳамлу нақли маводҳои зарарнок, хатарнок ва тарканда;

– оташи хурди симҳои барқӣ ва нодуруст будани таҷҳизотҳои барқӣ дар нақлиёти роҳи оҳан, ки оташ дар доираи дастгоҳҳо, агрегатҳо, механизмҳо таъсир нарасад;

– нуқсони объекти ҳамлу нақлкунандаи борҳо;

– амали кормандони Суғурташаванда дар ҳолати мастӣ, нашъамандӣ ё токсикӣ;

– истифодаи техникӣ таъмир нашудаи нақлиёти роҳи оҳан;

– идоракунии локомативҳо, электровозҳо ва тепловозҳо аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи идоракунии онҳоро надорад;

– саривақт аз назар нагузаронидани техникӣ, таъминнамоӣ ва таъмири нақшавӣ;

– амалҳои ҳарбӣ, инқилобҳои халқӣ, корпартоӣ, актхои террористӣ;

– таъсири энергияи ядроӣ, маводҳои кимиёвӣ;

– гирифтан, мусодира кардан, реквизитсия кардан, ҳабс ё нест кардани амволи суғурташуда бо ихтиёри мақомоти давлатӣ.

5.2. Ҳодисаҳои номбурда мафҳумҳои зеринро доранд:

– осеб дидан – вайронкунии пуррагии нақлиёти роҳи оҳани суғурташуда, тағйири шакли берунаи он, истифода нашудани қисмҳои алоҳидаи он дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртаи номбарнашуда. Ҳангоми осеб дидани нақлиёти роҳи оҳан имконияти барқарорсозӣ, дурусткунӣ ё таъмири он;

– нест кардан – нақлиёти роҳи оҳанро дар пуррагӣ ба ғайриистифода расонидан, дар натиҷаи ин, онро тибқи таъиноти он ба истифода дода нашавад ва боиси аз ҳисоб баровардан шавад;

– гум кардан – пурра имконияти муайян карда нашудани ҷойгиршавии нақлиёти роҳи оҳан (дуру дароз набудани нақлиёти роҳи оҳан, ки нест шудани он қарор қабул шудааст).

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Дар асоси Қоидаи мазкур метавонанд хавфҳои зерин суғурта карда шаванд:

6.1.1. Зарар – маҷмуи таваккалҳои «Талафи пурра» ва «Зарари қисмӣ» мебошад, ки агар дигар ҳолатҳо бо Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, таваккали вайрон шудан ё талаф ёфтани воситаи нақлиёт, қисми алоҳидаи он, агрегатҳо, бастҳо дар натиҷаи ҳодисаи ба вуҷудомада (ҳодисаи суғуртавӣ), сухтор, таркиш, ҳолати фавқуллодаи табиӣ (падидаҳо), афтидан ва расидани ҷисмҳои бегона, аз тарафи ҳайвонот, бо ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии шахсони сеюм вайрон карда шудааст (дар шарҳи мафҳуми мазкур тибқи Кодексҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон) гум кардани қисмҳои алоҳида, агрегатҳо, бастаҳои нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи дуздӣ (ғоратгарӣ, роҳзанӣ) – ро дар бар мегирад.

6.1.1.1. Бо Шартномаи суғурта ҳар ду таваккал, ки ба таваккали «Зарар» дохил мешаванд ё яке аз онҳо суғурта карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

6.1.1.2. Аз руи таваккали «Талафи пурра» ва «Зарари қисман» маблағҳои гуногуни суғуртавӣ муқаррар карда мешаванд.

6.1.2. Дуздида бурдан – гум шудани қисмҳои нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи дуздӣ (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ).

6.1.3. Автокаско – маҷмуи таваккалҳои «Зарар» ва «Дуздида бурдан».

6.1.3.1. Агар агрегатҳо ва қисмҳои нақлиёти роҳи оҳан то оғози амали шартномаи суғурта вайрон шудаанд ва дар Санади муоинаи пеш аз суғурта дарҷ ёфтаанд, таъмири барқароркунӣ ё ивази онҳоро Суғуртакунанда тибқи Қоидаҳои суғуртавӣ, агар то сар задани ҳодисаи суғуртавӣ Суғурташаванда ба Суғуртакунанда воситаи нақлиёти таъмиршударо барои муоина пешниҳод накардааст ва агар дигар ҳолат бо Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) пешбинӣ нашуда бошад мепардозад. Агар Суғурташаванда қисмҳои таъмиршударо, ки дар лаҳзаи суғуртакунӣ вайрон карда шудаанд, барои муоина то фаъорасии ҳодисаи суғуртавӣ пешниҳод карда бошад, Суғуртакунанда аз руи Шартномаи суғурта дар ҳаҷми пурра масъул мебошад.

6.1.3.2. Ҳангоми мавҷуд будани талаби Суғуртакунанда оиди дар НРО (нақлиёти роҳи оҳан), ки суғурта карда мешавад васл кардани дастгоҳи зидди дуздида бурдани воситаи нақлиёт, давраи суғурта аз руи таваккали «Дуздида бурдан» нисбати чунин НРО, агар дигар ҳолат бо шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, аз лаҳзаи дар воситаи нақлиёт васл кардани дастгоҳи зидди дуздида бурдан ва ба хизматрасонии муштарӣ дохил намудани он (агар сохтори мазкур хизматрасонии муштариро пешбинӣ кунад), ки дар минтақаи суғурта амал менамояд, оғоз меёбад.

6.1.3.3. Далели васлкунии низоми зидди дуздида бурдан ва ба хизматрасонии муштарӣ дохил намудани НРО аз тарафи Суғурташаванда бояд, ки бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шаванд.

6.1.4. Таҷҳизоти иловагӣ – дуздӣ, вайрон ё несту нобуд кардани таҷҳизоти иловагӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои ногаҳонии сухтор, таркиш, офатҳои табий, афтидани ҷисмҳои бегона, дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриҳуқуқкии шахсони сеюм. Суғурта аз руи таваккали «Таҷҳизоти иловагӣ» дар сурати суғурта кардани худи воситаи нақлиёт ба амал бароварда мешавад.

6.1.5. Масъулияти маданӣ ҳангоми истифодабарии нақлиёти роҳи оҳан – масъулияти Суғурташаванда ё шахсоне, ки онҳоро Суғурташаванда ба идоракунии НРО роҳ додааст ва онҳо дар Шартномаи суғурта қайд шудаанд, назди шахсони ҷабрдида барои зарари молумулкӣ ё ҷисмонии расонидашуда, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои ногаҳонӣ мавриди истифодабарии НРО суғурташуда аз тарафи Суғурташаванда ё шахси (шахсони) ваколатдори ӯ ба вуқуъ омадааст, масъул мебошад.

Аз руи шартномаи суғурта таваккали масъулияти мадании худи Суғурташаванда ва шахсоне, ки воситаи нақлиётро аз руи ваколатнома ё дар асоси дигар қонун истифода мебаранд ва дар шартнома (полис) ҳамчун шахсе, ки ба идоракунии НРО роҳ дода шудааст, суғурташуда дониста мешавад.

...ИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ бо созиши Суғурташаванда бо Суғуртакунанда муайян карда мешавад, маблағи суғуртавӣ набояд, ки аз арзиши суғуртавии нақлиёти роҳи оҳан дар макони ҷойгиршавии он дар рӯзи ба имзо расидани Шартномаи суғурта зиёд бошад.

7.2. Дар ҳолате, ки агар дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ аз арзиши суғуртавӣ камтар ишора шуда бошад, Суғуртакунанда ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) зарарҳои ба охирон расидаро мутаносибан нисбати маблағи суғуртавӣ ва арзиши суғуртавӣ пардохт менамояд.

7.3. Дар ҳолате, ки агар маблағи суғуртавии дар Шартномаи суғурта ифодагардида, аз арзиши суғуртавӣ зиёд бошад, Шартнома дар он қисмати маблағи суғуртавӣ, ки аз арзиши суғуртавӣ зиёд аст, ночиз ҳисобида мешавад.

7.4. Маблағи суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ муқаррар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ метавонад бо ҳаҷми баробарҳаҷми маблағи асъори хориҷӣ ишора карда шавад (минбаъд суғурта бо баробарҳаҷми асъорӣ).

7.5. Бо мақсади амалӣ намудани назорат аз болои таваккали асъорӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудиятҳоро нисбати бузургии тағийрёбии қурби асъор, ки аз ҷониби Суғуртакунанда истифода бурда мешавад, бо дар Шартномаи суғурта инъикос намудани чунин маҳдудиятҳо мавриди истифода қарор диҳад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян кардани маблағи мукофоти суғуртавӣ, ки тибқи шартномаи суғурта бояд пардохт карда шавад, Суғуртакунанда тарифҳои суғуртавиеро, ки аз ҷониби ӯ ҳисоб карда шудаанд ва бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа гардидаанд, бо назардошти дараҷаи хавфи суғуртавӣ, муҳлати суғурта, хавфҳои суғурташуда, инчунин дигар ҳолатҳое, ки барои муайян намудани эҳтимолияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари имконпазир аҳамияти муҳим доранд, ҳисоб карда шудаанд, истифода мебарад.

8.3. Суғуртакунанда дар ҳар як ҳолати мушаххас ҳангоми бастани шартномаи суғурта барои муайян намудани дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои молу мулки мушаххас ҳуқуқ дорад ба меъёрҳои заминавии тарифӣ коэффитсиентҳои болораванда ва пастшавандаро (минбаъд номида мешавад – коэффитсиентҳои ислоҳӣ) мутобиқи услубҳои иҷозатдодашудаи ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ ба Қоидаи мазкур истифода барад. Қарор дар бораи ҳаҷми муайяни коэффитсиенти баландкунанда ё пасткунанда аз ҷониби Суғуртакунанда пас аз омӯзиш ва баҳодиҳии маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамуда ва имзонамудаи Суғурташаванда қабул карда мешавад. Андозаи мушаххаси тарифи суғуртавӣ бо мувофиқаи тарафҳо дар шартномаи суғурта муайян карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 9. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Мукофоти суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ муқаррар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ метавонад дар ҳаҷми баробарҳаҷми бо асъори хориҷӣ муқарраргардида, муқаррар карда шавад.

9.2. Ҳангоми суғуртакунӣ бо ҳамарзиши асъорӣ мукофоти суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ аз рӯи қурби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори хориҷӣ дар санаи пардохт муқаррар гардидааст (ба ҳисобгузаронӣ) пардохт карда мешавад, агар қурби дигар ё санаи дигари муайян намудани он аз ҷониби қонун ва ё созиши тарафҳо муқаррар нашуда бошад.

9.3. Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобу китоби байни тарафҳои Шартномаи суғурта бо асъори хориҷӣ иҷозат дода мешавад, мукофоти суғуртавӣ метавонад инчунин ба Суғурташаванда бо асъори хориҷӣ пардохт карда шавад.

9.4. Мукофоти суғуртавӣ дар мухлатҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта тариқи ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ ва электронӣ баста мешавад.

10.2. Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда ва Санади муоинаи пешакии воситаи нақлиёт бо роҳи аз тарафи Суғуртакунанда ба Суғурташаванда супоридани полиси суғуртавӣ, ки аз тарафи Суғуртакунанда ва Суғурташаванда имзо шудааст ва Қоидаҳои суғурта баста мешавад. Санади муоинаи пешакӣ қисми ҷудонашавандаи Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) мебошад.

10.3. Ариза дар бораи суғуртакунӣ аз ҷониби Суғурташаванда ё намояндаи расмии ӯ бо дасти худ тартиб дода мешавад. Тибқи дархости шифоҳии Суғурташаванда Суғуртакунанда метавонад аризаро аз суханони у тартиб диҳад. Тамоми бандҳои ариза дар бораи суғуртакунӣ бо хатти хоно пур карда шуда, маънидодкунии духурагӣ иҷозат дода намешавад. Масъулият барои дуруст будани маълумоте, ки дар ариза дар бораи суғуртакунӣ дарҷ ёфтааст, бар дӯши Суғурташаванда вогузор карда мешавад. Аризаи тартибдодашуда аз тарафи Суғурташаванда (намояндаи ӯ) имзо ва тасдиқ карда мешавад.

10.4. Агар шарти дигар бо созиши Тарафҳо пешбинӣ нашуда бошад, ариза маълумоти зеринро дар бар мегирад:

– маълумот дар бораи Суғурташаванда (ному насаб ва шаҳрвандӣ ё номгӯи ташкилот бо қайди мамлакате, ки онро ба қайд гирифтааст; суроғаи почтавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами телефон, факс ва дигар воситаи алоқа);

– маълумот дар бораи ронандагон (ному насаб, санаи таваллуд, санаи ибтидои собиқаи корӣ, намуди ваколатнома) – агар Суғурташаванда шахси воқеӣ бошад ва агар бо шартҳои суғурта иҷозат додани шумораи бемаҳдуди ронандагон ба идоракунии НРО пешбинӣ нашуда бошад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– маълумот дар бораи НРО ва қисмхои маҷмуъии он (тамға, тамсила, шумораи дарҳо, ранг, рақами бақайдгирӣ, рақами мушаххас (VIN), рақами муҳаррик, соли барориш, иқтидор ва ҳаҷми муҳаррик, арзиши НРО, номгуй ва арзиши ТИ, ки бояд суғурта карда шавад, шумораи калидҳои аслӣ, мавҷудияти низоми сигналдиҳии зидди дуздида бурдани НРО);

– шартҳое, ки дар асоси онҳо Суғурташаванда хоҳиши бастани шартномаи суғуртаро изҳор намудааст;

– маълумоти дигаре, ки барои муайян кардани дараҷаи таваккал ва ҳисобии мукофоти суғуртавӣ заруранд.

10.5. Суғурташаванда бо талаби Суғуртакунанда бояд пешниҳод намояд:

– ҳуҷҷатҳои таъсисии Суғурташаванда шахси ҳуқуқӣ;

– ҳуҷҷате, ки намояндаи аз номи ӯ амалкунандаро тасдиқ мекунад;

– ваколатнома ва ё дигар ҳуҷҷате, ки андоза ва ҳаҷми салоҳияти намояндани Суғурташавандаро шаҳодат медиҳад;

– ҳуҷҷатҳои бақайдгирии НРО ва дар асоси талаби Суғуртакунанда хуҷҷатҳои тасдиққунандаи мавҷудияти манфиат оид ба нигоҳдории амволе, ки суғурта карда мешавад.

10.6. Ҳангоми бастани Шартнома Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад шартҳои мушаххаси истифодабарии НРО суғурташавандаро шарҳу эзоҳ диҳад.

10.7. Шартномаи суғуртаи НРО танҳо ба фоидаи шахсе, ки дар асоси қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё шартнома манфиат нисбати нигоҳдории ВН мазкур дорад баста мешавад (масалан, ба фоидаи молик, иҷорадеҳ, гаравгир, даллол, ки ба ӯ амвол супурда шудааст). Шартномаи суғурта, ки ҳангоми дар Фоидагиранда мавҷуд набудани манфиат оид ба нигоҳдории НРО суғурташуда ҷой надошта бошад, беэътибор дониста мешавад.

10.8. Бо хоҳиши Суғурташаванда шахси воқеӣ дар асоси аризаи хаттии ӯ дар давраи амали Шартномаи суғурта ба он ронандагони иловагӣ ворид карда мешаванд. Ҳамзамон Суғурташаванда вазифадор аст дар асоси талаби дахлдори Суғуртакунанда пардохти иловагии мукофоти суғуртавиро барои ворид кардани Ронандагони иловагӣ ба Шартномаи суғурта анҷом диҳад.

10.9. Тамоми маълумоте, ки Суғурташаванда дар ариза дар бораи суғуртакунӣ нишон додааст, барои муайян кардани эҳтимолияти фаророасии ҳодисаи суғуртавӣ, андозаи зиёни эҳтимолӣ дар натиҷаи сар задани он, инчунин андозаи мукофоти суғуртавӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми аз тарафи Суғурташаванда дар ариза нишон додани маълумоти бардуруғ Суғуртакунанда мавриди сар задани ҳодисаи суғуртавӣ ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ нисбати Суғурташаванда даст кашад.

10.10. Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро дар асоси Қоидаҳо баста, ба Суғуртакунанда (минбаъд «Оператори маълумоти шахсӣ (хусусӣ)») ризоияти бевоситаи худро дар бораи коркарди маълумот (ному насаб, сол, моҳ, рӯз ва ҷойи таваллуд, суроға, рақами телефон, факс, суроғаи алоқаи электронӣ ва маълумоти дигари робита, маълумот дар бораи вазъи саломатӣ, оилавӣ, иҷтимоӣ, молумулкӣ, таҳсил, касб, даромад ва ҳама гуна маълумоте, ки ба шахсияти ӯ алоқаманд аст)

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

барои бастани Шартномаи суғурта ва иҷроиши минбаъдаи он (батанзимдарории зиён, қабули қарор ё анҷом додани амалиётҳои дигаре, ки оқибати ҳуқуқиро нисбати Суғурташаванда ё шахсони дигар ба вуҷуд меоваранд, пешниҳоди маълумот ба Суғурташаванда дар бораи амалиётҳои Суғуртакунанда) ва аз нав суғуртакунӣ, иброз менамояд.

Зери мафҳуми коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ) дар Қоидаҳо ҳама гуна амалиёт (ҷараён) ё маҷмуи амалиётҳо (ҷараён) фаҳмида мешаванд, ки бо истифода аз воситаи автоматикӣ ё бе он маълумоти шахсӣ (хусусӣ), аз он ҷумла гирдоварӣ, сабт, мурратабсозӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, мушаххассозӣ (навкунӣ, тағйир додан), иқтибос, истифодабарӣ, додан (паҳнкунӣ, пешниҳод, дастрасӣ, аз он ҷумла ба шахсони сеюм бо ҳуқуқи коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ) додан, инчунин ба намуди дигари коркардон – субпудратчиён, операторон: брокер ва агентони суғуртавӣ, марказҳои иттилоотӣ, бонкҳо, ширкатҳои хизматрасонӣ вобаста ба хизматрасонии шартномаҳои суғурта (аз он ҷумла, тадоруки мукофоти суғуртавӣ, расонидани хизмати машваратӣ ба мизоҷон, ворид кардани тағйирот ба шартномаҳои суғурта ё қатъ кардани онҳо дар асоси супориши яке аз тарафи шартнома), ширкатҳои ёрирасон, ташкилотҳои ташхисӣ, нархгузорон, сюрвейерҳо, таҳқиққунандагон ва шахсони дигаре, ки дар танзимдарории зиён иштирок доранд, ширкатҳои телекоммуникатсионӣ, корхонаҳои ҳуқуқӣ, аз нав суғуртакунандагон ҳамсуғуртакунандагон бо ҳуқуқи коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ), накдикунонии маблағ, маҳкам, хориҷ, нобуд кардани маълумоти шахсӣ (хусусӣ), супурдани байни сарҳадии маълумоти шахсӣ (хусусӣ) на дертар аз мақсади коркард пешбинӣ шуда.

Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро дар асоси Қоидаҳо баста, ҳамчунин ризоияти худро ҷиҳати коркарди маълумоти шахсии худ бо мақсади пешрафти мол, кор, хизматрасонӣ бо роҳи робитаи бевосита бо Суғуртакунанда бо кумаки воситаи алоқа, инчунин гузаронидани пурсиш барои баҳодиҳии сифати мол тасдиқ менамояд.

Дар сурати аз ҷониби субъекти маълумоти шахсӣ пурра даст кашидан аз коркарди он, амали Шартномаи суғурта нисбати шахси мазкур қатъ карда мешавад ва агар субъекти маълумоти шахсӣ, ки аз ризоияти худ даст кашидааст Суғурташаванда бошад, Шартномаи суғурта пурра қатъ карда мешавад. Даст кашидан аз коркарди маълумоти шахсӣ танҳо бо роҳи аз тарафи Суғурташаванда ба объекти коркарди маълумоти шахсӣ пешниҳод намудани аризаи хаттӣ на дертар аз 3 рӯзи корӣ то санаи дасткашӣ аз ризоият сурат мегирад.

10.11. Дар сурати гум кардани полиси суғуртавӣ, дар давраи амали Шартномаи суғурта, Суғуртакунанда дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда ба ӯ нусхаи онро месупорад.

10.12. Ҳангоми гузаштани ҳуқуқи моликиятии НРО ба шахси дигар ба тариқи меросӣ, шартномаи суғурта қувваи эътибори худро то ба охир расидани амали суғурта бо ворид намудани тагйиротҳои зерин ба полиси суғурта, ному насаб ва суроғаи Суғурташаванда дар асоси шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос, нигоҳ медорад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.13. Тамоми тагйирот ва иловаҳо ба Шартномаи суғурта ба тариқи хаттӣ дар шакли замима ба он ба расмият даровдарда мешаванд ва бояд бо имзою мӯҳри (барои Суғурташаванда – шахси ҳуқуқӣ) Тарафҳо тасдиқ карда шаванд.

10.14. Бо талаби Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта, инчунин дар мавриди ҷоннок кардан, тағйир додани шартҳои суғурта Суғурташаванда (намояндаи) НРО барои муоина ба намояндаи Суғуртакунанда пешниҳод менамояд. Аз рӯи натиҷаи азназаргузаронӣ Санади азназаргузаронии пеш аз суғурта ё дигар ҳуҷҷат дар шакли бо Суғуртакунанда мувофиқашуда дар ду нусха барои ҳар як тараф тартиб дода, аз ҷониби тарафҳо имзо карда мешавад. Суғурташаванда вазифадор аст ба Суғуртакунанда воситаи нақлиёти суғуртшударо барои азназаргузаронии такрорӣ дар ҳама лаҳзаи амали Шартномаи сугурта бо талаби дахлдори Суғуртакунанда пешниҳод намояд.

10.15. Минтақаи пардохти суғуртавӣ қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад, агар дигар ҳолат дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

10.16. Дар сурати пеш аз муҳлат қатъ гардидани Шартномаи суғурта, агар бо Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) дигар шартҳо пешбинӣ нашуда бошанд, Суғуртакунанда бо талаби Суғурташаванда қисми мукофоти суғуртавии дар давраи гузаштаи муҳлати Шартнома истифоданашударо тибқи ҷадвали зерин бармегардонад:

| Давомнокии суғурта, моҳҳо | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| % аз Мукофоти солонаи суғуртавӣ | 70 | 60 | 50 | 40 | 35 | 30 | 25 | 20 | 15 | 10 | 5 | 0 |

10.17. Ҳангоми суғуртакунӣ бо асъори хориҷӣ ҳисобии қисми истифода набурдаи мукофоти суғуртавӣ бо асъори хориҷии дар шартнома қайдшуда сурат мегирад, баргардонидан бошад бо сомонӣ мутаносибан бо қурби асъори муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи қатъ гардидани Шартномаи суғурта анҷом меёбад.

10.18. Ҳангоми мавҷуд будани пардохтҳои суғуртавӣ қисми мукофоти суғуртавӣ барои давраи сипаринагашта баргардонида намешавад.

10.19. Дар сурати аз тарафи Суғурташаванда (Фоидагиранда) пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд, додани маълумоти бараъло бардурӯғ, ки барои муайян кардани дараҷаи таваккали суғуртавӣ аҳамияти муҳим доранд ва дигар ҳолатҳои фиреби барқасдонаи Суғуртакунанда, охирин ҳуқуқ дорад ба тариқи хаттӣ Суғурташавандаро огоҳ намуда, Шартномаи суғуртаро қатъ намояд.

10.20. Бо созиши Тарафҳо Шартномаи қатъшуда бо шарте барқарор карда мешавад, агар Суғурташаванда мукофоти навбатиро пардохтааст ва НРО – ро ба

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғуртакунанда барои анҷом додани азназаргузаронии такрорӣ пешниҳод намудааст.

10.21. Суғуртакунанда метавонад бо мақсади азнавсуғуртакунӣ дар шартномаҳои суғурта шартҳоеро, ки ба стандартҳо ва таҷрибаи байналмилалии азнавсуғуртакунӣ мутобиқат мекунанд, истифода намояд. Банди мазкур нисбати шартномаҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ фаро гирифта намешавад, татбиқ намегардад.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

11.1.1. Суғурташавандаро бо мазмуни Қоидаҳои суғурта ва Шартномаи суғурта шинос намояд ва ба ӯ як нусхаи онҳоро супорад.

11.1.2. Ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавиро мутобиқи шартҳои Шартномаи суғурта амалӣ намояд.

11.1.3. Маълумотҳои аз ҷониби ӯ дар натиҷаи фаъолияти касбӣ ба дастомадаро оиди суғурташуда, ба истисної ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ифшо нагардонад.

11.1.4. Дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

11.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

11.2.1. Мукофоти суғуртавиро дар мӯҳлатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва Шартномаи суғурта пардохт намояд.

11.2.2. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба Суғуртакунанда оиди тамоми ҳолатҳои ба ӯ маълум, ки барои баҳогузории таваккали суғуртавӣ аҳамиятнокро хабар диҳад.

11.2.3. Ба шахсони сеюм ҷуброни зарари расонидашударо пардохт нанамояд, қисман ва ё пурра ҳар кадом даъво ва ё талаби ба вай пешниҳодгардидаро эътироф нанамояд, инчунин ба худ уҳдадориҳои бевосита ва ё бавоситаро оиди батанзимдарории чунин талабҳо бидуни розигии хаттии Суғуртакунанда бар уҳдаи худ нагирад.

11.2.4. Тамоми чораҳоро оиди роҳ надодани рух додани ҳодисаи суғуртавӣ андешад, ва ҳангоми рух додани он тамоми чораҳои оқилона ва имкондорро оиди паст кардани зарар андешад.

11.2.5. Ба Суғуртакунанда ҷуброни суғуртавиро (ва ё қисмати мутобиққунандаи онро) баргардонад, агар ошкор карда шавад, ки чунин ҳолате, ки аз рӯи қонунунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи суғурта ва Шартномаи суғурта, пурра ва ё қисман Суғурташандаро аз ҳуқуқ ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ маҳрум менамояд.

11.2.6. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ:

11.2.6.1. Фавран дар давоми се рӯз (72 соат) дар бораи ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ бо қайди тамоми ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ бо ҳама гуна воситаи дастрас ба Суғуртакунанда хабар расонад. Тамоми хабарҳо дар бораи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ доранд дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ бо имзои Суғурташаванда ё намояндаи ваколатдори ӯ, ки муфассал дар бораи тамоми ҳолатҳои сар задани чунин ҳодиса огоҳӣ дорад.

11.2.6.2. Чораҳои ақлона ва дастрасро дар ҳолати ба миёномада барои пешгирӣ ва ё паст кардани зарар андешад. Бо андешидани чунин чораҳо, Суғурташаванда бояд нишондодҳои Суғуртакунандаро риоя намояд, агар онҳо ба Суғурташаванда расонида шуда бошанд.

11.2.6.3. Ба Суғуртакунанда аризаи хаттӣ аз рӯи шакли муқаррарнамудаи Суғуртакунанда оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо истифодаи маводҳои мавҷуда пешниҳод намояд.

11.2.6.4. Бе розигии хаттии Суғуртакунанда талаботи дар алоқамандӣ бо расонидани зарар пешниҳодгардидаро эътироф накунад, бар дӯши худ ягон уҳдадорӣ оиди ба низом даровардани чунин талабҳо нагирад, инчунин ягон пардохтро ба шахси сеюм дар алоқамандӣ бо рух додани ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ нагардонад.

11.2.6.5. Ба Суғуртакунанда тамоми маълумоти мавҷуда ва ҳуҷҷатҳое, ки оиди сабабҳо, хусусият ва ҳаҷми зарари расонидашуда маълумот гирифтан мумкин аст, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳое, ки аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ гирифтаро низ пешниҳод намояд.

11.2.7. Дигар уҳдадориҳои дар Шартномаи суғурта, Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо иҷро намояд.

11.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

11.3.1. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта бо тамоми ҳуҷҷатҳои барои муқаррар намудани дараҷаи таваккал зарурӣ шинос шавад.

11.3.2. Эътирофи беэътибор будани Шартномаро талаб намояд, агар баъди бастани Шартномаи суғурта муқаррар гардад, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои пешакӣ бардурӯғро оиди объекти суғурта хабар додааст.

11.3.3. Барои гузаронидани экспертизаи ба Шахси суғурташуда пешниҳодгардидаи талабҳои даъвогӣ ва ё даъвоҳои дигар бо мақсади эътироф намудани ҳодисаи суғуртавӣ.

11.3.4. Бо супориши Суғурташаванда манфиатҳои вайро бо мақсадҳои ба танзим даровардани даъвоҳо ва ё талабҳое, ки ба Шахси суғурташуда дар алоқамандӣ бо ҳолати суғуртавӣ пешниҳод гардидаанд, намояндагӣ намояд.

11.3.5. Бо розигии Суғурташуда аз номи ӯ гуфтушунидҳо гузаронад ва созишномаҳоро оиди ҷуброни зарари бо ҳодисаи суғуртавӣ расида ба имзо расонад;

11.3.6. Маълумоти расонидаи Суғурташаванда, инчунин аз ҷониби ӯ риоя намудани талабҳо ва шартҳои Шартномаи суғуртаро тафтиш намояд.

11.3.7. Дархостҳоро ба мақомоти мувофиқаткунандаи салоҳиятдор аз рӯи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ирсол намояд.

11.3.8. Тағйироти шартҳои Шартномаи суғурта ва пардохти мукофоти иловагии суғуртавиро талаб намояд, агар тағйирот дар дараҷаи таваккали суғуртавӣ баъди бастани Шартнома ба миён омада бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.3.9. Баргардонидани маблағҳои пардохтгардидаи ҷуброни суғуртавиро талаб намояд, агар исбот гардад, ки Суғурташаванда барқасдона Суғуртакунандаро ҳангоми муайян кардани сабабҳо ва дигар ҳолатҳои расонидани зарар ва (ва ё) ҳаҷми зарари расонидашуда гумроҳ карда бошад, ки дар натиҷаи он ҷуброни суғуртавӣ беасос пардохт гардидааст ва ё дар ҳаҷми калон назар ба зарари расидаи ҳақиқӣ муайян гардида пардохт шудааст ва ё ба шахсоне амалӣ гардидааст, ки набояд ба манфиати онҳо Шартномаи суғурта амалӣ мегардид.

11.3.10. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

11.4. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

11.4.1. Бо мувофиқа бо Суғуртакунанда маблағи суғуртавиро аз рӯи Шартномаи суғурта арз намояд.

11.4.2. Аз нав дида баромадани шартҳои Шартномаи суғуртаро ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оиди паст кардани эҳтимолияти пайдоиши ҳодисаи суғуртавӣ ва ё ҳаҷми зарари эҳтимолӣ ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ талаб намояд.

11.4.3. Дар ҳолати гузаронидани чорбиниҳо оиди паст кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва (ва ё) оқибатҳои рух додани он, аз нав ба имзо расонидани Шартномаи Суғуртаро бо шартҳои нав талаб намояд.

11.4.4. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи нишонаи ҳодисаи суғуртавӣ дошта Суғурташаванда (Фоидагиранда) уҳдадор аст:

12.1.1. Фавран оиди ҳодисаи рухдода Суғуртакунандаро хабардор намояд ва дастурҳои ӯро иҷро намояд.

12.1.2. Тамоми чораҳои заруриро бо мақсади пешгирии зарар ва ё ба ҳадди ақал расонидани он, илова бар он бо риоя намудани дастурҳои Суғуртакунанда андешад:

– аризаи хаттӣ оиди ҳодисаи рухдода (бо гирифтани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели бақайдгирии аризаи мазкур) ба мақомоти мувофиқаткунандаи босалоҳият (милитсия/политсия, хадамоти зидди сӯхтор, мақомоти дигари босалоҳият дар асоси хусусияти ҳодисаи рухдода ва ҳудуде, ки дар он рух додааст) пешниҳод намояд;

– ба ҷои ҳодиса намояндагони мақомоти босалоҳиятро барои бақайдгирӣ ва тафтиши ҳодисаи рухдода даъват намояд. Далел ва ҳолати ҳодисаи рухдода ва зарари бо он алоқаманд бояд, ки бо ҳуҷҷатҳои расмии шакли муқаррургардида, ки аз ҷониби мақомоти босалоҳияти давлатӣ дода мешаванд, аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории маҳаллӣ қайд карда шаванд.

12.1.3. Фавран барои азназаргузаронӣ нисбати муқаррар намудани ҳолатҳо ва маблағи зарар сюрвейери мустақил, ки дар Шартномаи суғурта оварда шудааст, ҷалб намояд ва ё, агар сюрвейери мустақил дар Шартномаи суғурта оварда нашуда бошад,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғуртакунанда барои дастурҳо оиди ташкили азназаргузаронии мустақил муроҷиат намояд.

12.1.5. Дар ҳолати амалҳои аз нигоҳи ҷиноӣ ҷазо додашаванда, сӯхтор ва ё ҳодисаҳои роҳи нақлиёти роҳи оҳан оиди рух додани ҳодиса ба мақомоти салоҳиятдор муроҷиат намояд.

12.1.6. Ҳаддалимкон ягон тағйиротро дар ҷойи ҳодисаи суғуртавӣ рух додааст, то лаҳзае, ки Суғуртакунанда барои он розигии худро надиҳад, роҳ надиҳад.

12.1.7. Дар ҳолатҳои ҷудогона Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигари дар Қоида ишоранашударо талаб намояд.

12.2. Номгӯй ва мазмуни ҳуҷҷатҳои ба Суғуртакунанда аз рӯи ҳодисаҳои муайяни суғуртавӣ пешниҳодшаванда, ки ҳамчун дар дохил ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровараа мешаванд, бо созишномаҳои байналмилалӣ, қонунгузорӣ, шартҳои Шартномаи бо интиқолдиҳандагон басташуда, Қоидаҳои ҳамлу нақл дар намуди мазкури нақлиёт, Қоидаҳои кори бандарҳо, анборҳо, расму оини маконе, ки дар он зарар ба вуқӯъ омадааст.

12.3. Ариза ва ҳуҷҷатҳое, ки Суғурташаванда (Фоидагиранда) ба Суғуртакунанда пешниҳод менамояд, бояд ки ба забони тоҷикӣ тартиб дода шуда ба таври муносиб тасдиқ карда шаванд (агар ин дар асоси хусусият, намуди ҳуҷҷат зарурат дошта бошад). Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Суғурташаванда ба Суғуртакунанда пешниҳодшаванда (ва ё нусхаҳои онҳо), ки аз давлатҳои хориҷӣ бармеоянд ва ё ташкилотҳои дигаре, ки вазифаҳои умумиро амалӣ мегардонанд, бояд, ки ба забони тоҷикӣ бо тасдиқи нотариалӣ ва легаликунонӣ тарҷума карда шаванд (гузоштани апостил ва ё легаликунонии консулӣ, вобаста аз кишваре, ки ҳуҷҷатҳо дода шудаанд).

12.4. Суғуртакунанда бо мақсади содда гардонидани раванди пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронҳои суғуртавӣ дар ҳолати зарурӣ метавонад, пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронҳои суғуртавиро то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар асоси санадҳои суғуртавии дохилӣ (бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мақомоти дахлдор) амалӣ намояд.

12.5. Суғуртакунанда оиди эътироф кардан ва ё эътироф накардани ҳодисаи руxдода ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ва амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ ва ё оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ дар муддати 20 рӯзи корӣ қарор қабул менамояд, (агар дар Шартномаи суғурта (полис) дигар муҳлат ишора нашуда бошад ва он аз санаи аз ҷониби Суғуртакунанда гирифтани охирон аз ҳуҷҷатҳои пурсидашуда дар алоқа бо аризаи Суғурташаванда оиди ҷуброн).

12.6. Суғуртакунанда пардохти ҷуброни суғуртавиро аз рӯи ҳолати ҳамчун суғуртавӣ эътирофшуда, дар муддати 10 рӯзи корӣ аз санаи аз ҷониби Суғуртакунанда ба имзо расидани санади суғуртавӣ, амалӣ намояд.

12.7. Дар ҳолати эътироф нагардидани ҳодисаи руxдода ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ва ё дар ҳолати қабули қарор оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ, санади суғуртавӣ тартиб дода намешавад, аммо Суғуртакунанда дар давоми 30 рӯзи кории минбаъда (агар Шартномаи суғурта дигар муҳлатро пешбинӣ накарда бошад)

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) огоҳиномаи хаттӣ бо асосноккунии қарори қабулшуда ирсол менамояд.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Барои гирифтани пардохти суғуртавӣ Суғурташванда ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунад:

– ариза бар бораи гирифтани пардохти суғуртавӣ;

– шартномаи (полиси) суғуртаи нақлиёти роҳи оҳан;

– сурати объекти осеб дида;

– ҳангоми ҳодисаи нохуши нақлиёти роҳи оҳан акти милитсияи роҳ ё хулосаи прокурорҳои нақлиётӣ;

– дар сурати сухтор ҳуҷҷати макомоти давлатии назорати зидди сухтор;

– ҳангоми амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм ҳуҷҷатҳо аз макомотҳои корҳои дохилӣ дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ;

– ҳангоми гум кардани объект нусхаи ҳуҷҷтаҳое, ки тафтиши онро тасдик мекунад, таллеграммаҳо, навиштаҷотҳои роҳи оҳан дар бораи гум кардани объекти суғурта);

– ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи арзиши таъмири баркарорсозии нақлиёти роҳи оҳан, дар суртаи корношоям будани истифодаи минбаъади он акти ҳориҷ кардан аз боғи инвентари шакли муқарраршуда.

13.2. Ҳаҷми пардохти суғуртавӣ муайян карда мешавад:

а) ҳангоми осеб дидани нақлиёти роҳи оҳан дар ҳаҷми арзиши барқарорсозӣ: ба арзиши қисмҳои эҳтиётӣ, деталҳо ва лавозимотҳо ба арзиши корҳои барқарорсозӣ дохил карда мешавад, пас аз он арзиши боқимондаи онро ҳисобу китоб мекунад, ки барои истифодаи минбаъда корфармо аст. Ба ҳисоб инчунин ҳароҷотҳо барои овардани нақлиёти роҳи оҳани осеб дида ба ҷои таъмир дохил карда мешавад;

б) ҳангоми гум кардан, нест шудани (ҳориҷ шудан аз инвентар) нақлиёти роҳи оҳан дар ҳаҷми маблағи суғуртавӣ, бо назардошти пардохтҳои пештарааш, бо ҳисобу китоби арзишҳои деталҳои боқимонда ва лавозимотҳое, ки барои истифодаи минбаъда корфармо аст ё боиси нест кардан аст.

13.3. Аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст кашидан мумкин аст, агар Суғурташаванда:

а) ба Суғуртакунанда ё намояндаи он объекти осебдидаро то таъмири он, объекти боқимонда ё сурати садамаи қатораи поездро бо намоёнии ракамҳои роҳи оҳан пешниҳод накунад;

б) ҳуҷҷатҳои заруриро барои пардохти суғуртавӣ пешниҳод накунад;

в) агар зарар пурра аз ҷониби шахси гунаҳкор пурра пушонида бошад;

г) агар ҳодиса то саршавӣ ё тамомшавии амали шартномаи суғурта содир шуда бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.4. Ҳаҷми пардохти суғуртавӣ барои осеб ё ҳориҷкунӣ аз инвентари роҳи оҳан ба ҳамон фоиз аз маблағҳои зараре, ки дар он суғурта шуда буд ва арзиши ҳақиқии он муайян шуда буд, ҳисобу китоб карда мешавад.

13.5. Ба маблағи пардохти суғуртавӣ арзишҳои зерин дохил карда намешавад:

а) таъминоти техникӣ, таъмири деповию заводи нақлиёти роҳи оҳан;

б) корҳое, ки бо тавсиякунӣ ё аз нав таҷҳизонидани нақлиёти роҳи оҳан, таъмир ё ивази қисмҳо, деталҳои алохидаи он ва лавозимотҳо барои фарсудашавӣ, нуқсони технологӣ ва ғайра) вобастагӣ дошта бошад;

в) арзиши иваз ба ҷои таъмири он, ё дигар узлҳо ва агрегатҳо дар ҷамъ бо сабаби набудани дар корҳонаҳои таъмири қисмҳо, деталҳои зарурӣ барои таъмири ин узлҳо ва агрегатҳо.

13.6. Ҳангоми гирифтани пардохти ҷуброн барои зарар аз шахси сеюм аз ҷониби Суғурташаванда, Суғуртакунанда фарқияти байни маблағи пардохти ҷуброни суғуртавӣ ва маблағе, ки аз шахси сеюм гирифтааст, мепардозад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Ҳолатҳои зерин ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешаванд:

14.1.1. Ҳодисаҳое, ки бо сабаби таваккали ҳарбӣ ба миён омадаанд: таркиш минаҳои парешон, торпеда, бомбаҳо, аслиҳаи дигари ҷанг ва ғайра.

14.1.2. Амалҳои роҳзанӣ.

14.1.3. Амалҳои террористӣ ва оқибатҳои он, инчунин чорабиниҳои зиддитеррористӣ ва оқибатҳои он аз ҷониби ҳар кадом ашхосе, ки бо супориш ва ё дар алоқамандӣ бо ташкилотҳои амаликунандаи фаъолияти сарнагун кардан ва ё ба таъсири бо қувва ё зӯроварӣ нисбати ҳукумат равона карда шудааст, новобаста аз он ки бо кадом роҳ он созмон дода шудааст.

14.1.4. Дар ҳолате, ки агар Суғурташаванда аз рӯи тартиб ва муҳлатҳои барои Шартномаи мазкур ҳамлу нақли аз ҷониби қонун, созишномаи байналмилалӣ ва ё Шартнома муайянгардида ба интиқолдиҳанда аризаи хаттӣ оиди норасогӣ ва ё нуқсондоршавии бор, накарда бошад ва ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои дигари зарураро барои аз ҷониби Суғуртакунанда амалӣ намудани ҳуқуқи талабот нисбати ашхос пешниҳод накарда бошад.

14.1.5. Дар ҳолати амалҳои дорои нишонаҳои ҷиноят, сӯхтор ва ё ҳодисаҳои роҳу нақлиёти роҳи оҳан оиди рух додани ҳодиса ба мақомоти салоҳиятдор хабар надодааст ва ё агар ин далелҳо аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор тасдиқ нагардида бошанд.

14.1.6. Ба сюрвер ва ё намояндаи Суғуртакунанда барои азназаргузаронии молу мулки нуқсондоршуда ва ё боқимондаҳои онро пешниҳод накард.

14.1.7. Ҳуҷҷатҳоро оиди ҳолатҳое, ки барои муқаррар намудани сабабҳо ва ё ҳаҷми зарар арзишнок буданд, сохтакорӣ намудааст (барқасдона Суғуртакунандаро ба иштибоҳ бурдааст).

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

14.1.8. Таъсири таркиши ядрой, радиатсия ва ё сирояти радиоактивӣ.

14.1.9. Амалҳои ҳарбӣ, инчунин маневрҳо ва ё чорабиниҳои ҳарбии дигар.

14.1.10. Ҷанги шаҳрвандӣ, ҳар кадом намудҳои шӯришҳои халқӣ корпартоиҳо.

14.1.11. Хориҷ кардан, мусодира намудан, реквизитсия, баҳабсгирӣ ва ё нобуд кардани молу мулки суғурташуда бо супориши мақомоти давлатӣ;

14.1.12. Агар ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи кирдори бадқасдонаи Суғурташаванда (намояндаи ӯ) ё Фоидагиранда рух дода бошад.

14.1.13. Дар натиҷаи беэҳтиётии дағалонаи Суғурташаванда (намояндаи ӯ) ё Фоидагиранда рух дода бошад.

14.2. Суғурткунанда аз ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи Суғурташаванда барқасдона чораҳои оқилона ва ба ӯ дастрасро барои кам кардани зарарҳои эҳтимолӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ наандешида бошад, озод карда мешавад.

14.3. Тибқи муқаррароти қисми 3, моддаи 1075 – и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суғурткунанда аз ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи аз ҷониби Суғурташаванда дидаю дониста ҷиҳати кам кардани зиёни имконпазир наандешидани тадбирҳо расонда шудааст, озод карда мешавад.

14.4. Суғурткунанда аз пардохти ҷуброни зарар ба пуррагӣ ва ё дар қисми мутобиқаткунанда озод карда мешавад ва ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи барзиёд пардохтшудаи ҷубронро талаб намояд, агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз ҳуқуқи худ оиди талаб нисбати шахсе ки барои зарарҳои аз ҷониби Суғурткунанда ҷубронишаванда даст кашида бошад ва ё амалӣ шудани ин ҳуқуқ бо гуноҳи Суғурташаванда, Фоидагиранда ғайриимкон гашта бошад.

14.5. Мутобиқи қисми 11, моддаи 20 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» агар Суғурташаванда ё шахсе, ки ба манфиати ӯ пардохти ҷуброни суғуртавӣ анҷом дода мешавад, ҷуброни пурраи зиёнро (зарарро) аз шахси гунаҳкори зиёнрасонида (зараррасонида) гирифта бошад, дар ин сурат Суғурткунанда аз додани ҷуброни суғуртавӣ озод мегардад. Ҳангоми аз тарафи шахси гунаҳкор қисман додани ҷуброни зиён (зарар), Суғурткунанда пардохти ҷуброни суғуртавиро бо дарназардошти маблағе, ки шахси мазкур аз шахси гунаҳкор гирифтаст, анҷом медиҳад.

14.6. Агар нисбати тарафҳо аз рӯи Шартномаи суғурта қайду шартҳо (шарт) оиди муҷозотҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ мавриди истифода қарор гирад, Суғурткунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар алоқамандӣ бо зарарҳо, ки баъди ворид намудани Суғурташаванда (Фоидагиранда ва ё ҳар кадом шахс, ки ба мақомоти идории Суғурташаванда ворид мешаванд, Фоидагиранда) номгӯи муҷозотҳо, гузоштани эмбарго ва ё ворид намудани муҷозоти дигар бо истифода аз қонунгузорӣ оиди муҷозотҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ нисбати ягон фаъолият ва ё молу мулке, ки объекти Шартномаи суғурта мебошад, озод карда мешавад.

14.7. Суғурташаванда ва Суғурткунанда ҳуқуқ доранд, дар Шартномаи суғурта ҳар кадом иловаҳои дигар, истисноҳо ва аниқнамоии муқаррароти Қоида, ки

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

аз ҷониби қонунгузории амалкунанда манъ карда нашудаанд, бо мустаҳкам намудани он дар матни Шартномаи суғурта, мувофиқа намоянд.

14.8. Тибқи муқарраротҳи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар асосҳои рад намудан аз ҷуброни суғуртавӣ пешбинӣ гардад.

## 15. ГУЗАРИШИ ҲУҚУҚИ СУҒУРТАШАВАНДА БА СУҒУРТАКУНАНДА ОИД БА ҶУБРОНИ ЗАРАР

16. Ба Суғуртакунанда, ки ҷуброни суғуртавиро пардохт кардааст, дар доираи маблағи пардохткардаи ӯ ҳуқуқи пешниҳоди даъвоҳое, ки Суғурташаванда ё Фоидагиранда нисбати шахси барои зиёни дар натиҷаи суғуртакунӣ ҷубронгардида масъул дорад, мегузарад.

17. Ҳуқуқи ба Суғуртакунанда гузаштаи даъво аз ҷониби ӯ бо риоя намудани қоидаҳое, ки муносибатҳои байни Суғурташаванда ё Фоидагиранда ва шахси барои зарар масъулбуда танзим менамоянд, амалӣ карда мешавад.

18. Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст ба Суғуртакунанда тамоми ҳуҷҷатҳо ва далелҳоро супорад, тамоми чораҳоро андешад, тамоми маълумотро, ки барои ба амалбарории ҳуқуқи пешниҳоди даъво нисбати шахсони гунаҳгор заруранд хабар расонад.

19. Дар сурате агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз супурдани ҳуқуқи худ нисбати шахсе, ки барои зиёни расонидашуда, ки аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброн карда мешавад, масъул мебошад ё ин ки ба амал баровардани ҳуқуқи мазкур бо айби Суғурташаванда (Фоидагиранда) имконнопазир гардидааст, рад намояд, он гоҳ Суғуртакунанда аз ҷуброни суғуртавӣ пурра ё қисман озод карда мешавад.

## 14. СУҒУРТАИ ДУКАРАТА

14.1. Суғурташаванда (Фоидагиранда) ухдадор аст, ки тариқи хаттӣ дар бораи тамоми шартномаҳои суғурта, ки нисбати объекти суғурташуда аз рӯйи айнан ҳамин хавфҳо бо дигар ташкилотҳои суғуртавӣ бастааст, хабар расонад. Ҳамзамон Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст номгӯи дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, объектҳои суғурта ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавиро дарҷ намояд.

14.2. Агар дар лаҳзаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ нисбати объекти суғурташуда дигар шартномаҳои суғурта аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд амал намоянд, он гоҳ Суғуртакунанда ҷуброни зарарро дар ҳаҷми мутаносиб ба нисбати маблағи суғуртавӣ аз рӯйи шартномае, ки Суғуртакунанда бастааст, ба маблағи умумӣ аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои суғуртаи объекти мазкур, ки Суғурташаванда бастааст, пардохт менамояд.

14.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғурта нисбати объекти суғурта кардаи Суғуртакунанда аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд ба маблағе, ки арзиши суғуртавии он (тибқи шартномаи суғурта) барзиёд мебошад, натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартнома ва баргардонидани ҷуброни зарари бо ин амал ба ӯ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

расонидашударо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## 15. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

15.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи суғурта ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

15.2. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба суд пешниҳод карда мешавад.

15.3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
нақлиёти роҳи оҳан

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори генералии
ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
_______________ Раҳмонов Б.Р.
аз «28» ноября соли 2025, №165/25

УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФҲОИ СУҒУРТАВӢ

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРӢ

Баҳисобгирӣ (асоснокkунии иқтисодии) тарифҳои суғуртавӣ дар асоси муқаррароти Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (минбаъд – Талабот), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №74 аз «21» июни соли 2022 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Услуб барои ҳисоб кардани меъёрҳои тарифи суғуртавӣ барои намудҳои хавфноки суғурта мувофиқ буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешавад:

Омор ё маълумоти дигар оид ба намуди суғурта мавҷуд аст, ки имконият медиҳад қиматҳои зеринро ҳисоб кунем:

- q – эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта;

$$q = \frac{M}{N} \quad (1.1.1)$$

- S – маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта.

$$S = \frac{\sum_{i=1}^{N} S_i}{N} \quad (1.1.2)$$

- Sb – пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ.

$$S_b = \frac{\sum_{k=1}^{M} S_{bk}}{M} \quad (1.1.3)$$

Дар ин ҷо: N – миқдори умумии шартномаҳои суғуртаи басшуда барои баъзе давраҳои гузашта;

M – миқдори ҳодисаҳои суғуртавӣ дар N шартномаҳо;

$S_i$ – маблағи суғуртавӣ дар вақти бастани i шартнома

i = 1, 2, ..., N.

$S_{bk}$ – пардохти суғуртавӣ дар k ҳодисаи суғуртавӣ;

k = 1, 2, ..., M.

тахмин карда мешавад, ки ягон ҳодиса харобиовар намешавад, агар як ҳодиса боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шавад.

Баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ дар асоси шумораи пешакӣ муайяншудаи шартномаҳо (n) ҳисоб карда мешаванд, ки бояд бо Суғурташавандагон баста шаванд.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳаҷми тахминии амалиёти суғуртавӣ (маблағи миёнаи суғуртавӣ дар як шартнома, пардохти миёнаи суғуртавӣ, шумораи тахминии шартномаҳо ва эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ) ҳисоб карда шуданд.

**Меъёри холис $T_x$** аз ду қисм – қисми асосӣ Тх.ас. $T_a$ ва таваккалӣ сарборӣ Тх.тав. $T_c$.

$$T_x = T_a + T_c \quad (1.1.4)$$

- **Қисми асосӣ меъёри холис (Тх.ас.)** $T_a$ – ба пардохтҳои миёнаи суғуртавии Суғуртакунанда, ки аз эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавии q, маблағи миёнаи суғуртавии S ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пардохти миёнаи суғуртавии Sv вобаста аст, мувофиқат мекунад. Қисми асосии меъёри холис аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_a = 100 * \frac{S_b}{S} * q \qquad 1.1.5$$

- **Сарбории эҳтимолӣ Тн.тав.** $T_c$ – бо мақсади ба назар гирифтани зиёд будани эҳтимолии шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ нисбат ба арзиши миёнаи онҳо ҷорӣ карда мешавад. Ғайр аз q, S ва $S_b$, сарбории эҳтимолӣ инчунин аз параметрҳои зерин вобаста аст: n – шумораи шартномаҳои марбут ба давраи суғурта, ки барои онҳо суғурта анҷом дода мешавад, паҳншавии миёнаи пардохти суғуртавӣ $R_b$ ва кафолати γ – эҳтимолияти зарурӣ, ки мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кифоя бошанд.

Агар ташкилоти суғуртавӣ маълумот дар бораи арзиши $R_b$ надошта бошад, метавонанд, ки сарбории эҳтимолиро бо формулаи зерин ҳисоб кунанд:

$$T_c = 1{,}2 * T_a * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{x * q}} \qquad 1.1.6$$

Дар ин ҷо: q – эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;

n – шумораи пешбинишудаи шартномаҳои суғурта.

- **Меъёри умумӣ** $T_\Delta$ – бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_\Delta = \frac{Tx * 100}{100 - f} \qquad 1.1.7$$

Дар ин ҷо: $T_x$ – меъёри холис;

f (%) – ҳиссаи сарборӣ аз меъёри умумии тарифи суғуртавӣ.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ барои шартномаҳои суғурта ба мухлати як сол ҳисоб карда мешаванд.

Сохтори меъёри тарифҳои суғуртавӣ:

- 25,7% – меъёри холис;
- 51,6% – хароҷотҳо барои пешбурди кор;
- 4,1% – андоз аз даромад;
- 18,6% – фоида.

Баҳисобгирии сарбории эҳтимолӣ. Ташкилоти суғуртавӣ, бо эҳтимолияти g = 0,95, интизор аст, ки пардохти суғуртавии имконпазир аз мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда зиёд набошад, пас аз Ҷадвали 1 a (g) = 1,645.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Ҷадвали 1**

| g | 0,84 | 0,90 | 0,950 | 0,98 | 0,9986 |
|---|---|---|---|---|---|
| **a (g)** | 1,00 | 1,30 | 1,645 | 2,00 | 3,0000 |

- **g** – кафолати эҳтимолияти зарурӣ, ки бо он мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кофӣ бошанд;
- **a (g)** – коэффисиенте, ки ба кафолати бехатарии гамма вобаста аст. Қимати онро аз Ҷадвал гирифтан мумкин аст.

## 2. ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФИИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоб кардани меъёрҳои тарифии заминавӣ дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (минбаъд «Қоида ё Қоидаи суғурта») амалӣ карда шудааст.

**Интихоби замина ба натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷониба асос меёбад:**

- омори худӣ (ҳаҷми он нокифоя аст);
- омори бозор;
- баҳодиҳии коршиносии (экспертии) мутахассисони ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс».

Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ ва барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, пардохтҳои миёнаи суғуртавӣ ва маблағи миёнаи суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки дар давоми фаъолияти Суғуртакунанда ва дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ фаъолият мекунанд, дар давоми панҷ соли охир ҷамъоварӣ шудаанд ва аз баҳодиҳии коршиносии Суғуртакунанда асос ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи шумораи шартномаҳо (n) дар асоси шумораи пешбинишудаи (ба нақша гирифташудаи) шартномаҳои суғурта барои соли оянда муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи коркарди омор ба даст оварда шудаанд, инчунин пас аз баҳодиҳии мутавозуни ҳар як ҷузъи хавф дар хавфи умумии ҳодисаи суғуртавӣ нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ арзёбӣ карда шуданд.

Меъёрҳои тарифии заминавӣ бо тахминкунии тақсимоти якхелаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва тақсимоти муқаррарии ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулоти суғуртавӣ ва мутобиқсозии он ба вазъи воқеии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои тарифии ҳисобшуда тасҳеҳ карда шуданд. Дар оянда, бо ташаккули заминаи омории худии Суғуртакунанда ва зиёд шудани ҳаҷми портфели суғуртавӣ, тарифҳои мазкур мавриди бозбинӣ ва дақиқсозӣ қарор дода мешаванд.

Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартномаи мушаххаси суғурта ҳуқуқ дорад ба меъёри ибтидоии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба омилҳои ба дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва шартҳои суғурта таъсиркунанда коэффисиентҳои афзоянда ва камшавандаро татбиқ намояд:

| ОМИЛИ ХАВФ ВА ШАРТҲОИ СУҒУРТА | КОЭФФИСИЕНТҲОИ ТАСҲЕҲӢ | |
|---|---|---|
| | на кам | на зиёда |
| Меъёри тарифи суғуртавӣ барои шартномаи мушаххаси суғурта ҳамчун натиҷаи тарифи ибтидоии суғуртавӣ ва коэффисиентҳои тасҳеҳӣ ҳисоб карда мешавад. | 0,01 | 10 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## Замимаи № 1 ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан

Баҳисобгирӣ ва асосноккунии иқтисодии тарифҳои суғуртавӣ барои Суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан

| Нишондиҳанда | Аломат [формула] | Суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан |
|---|---|---|
| Баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ | q | 0,000100 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | $S_b$ | 500 |
| Маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | S | 2 000 |
| Шумораи ба нақша гирифташудаи объектҳои суғуртамешуда | n | 100 |
| Баҳодиҳии қисми асосии меъёри холис | $T_o = 100 * \frac{S_b}{S} * q$ | 0,003 |
| Дараҷаи бехатарӣ | y | 0,95 |
| Коэффисиенти бехатарӣ (миқдори яктарафаи тақсимоти муқаррарии стандартӣ аз сатҳи интихобшудаи бехатарӣ) | a(y) | 1,645 |
| Баҳодиҳии сарбории эҳтимолӣ | $T_p = 1{,}2 * T_o * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{n * q}}$ | 0,049 |
| Баҳодидиҳии меъёри холис | $T_n = T_o + T_p$ | 0,052 |
| Сарборӣ | f | **74,3** |
| **Баҳодиҳии меъёри умумӣ** | $T_\Delta = \frac{T_n * 100}{100 - f}$ | **0,20** |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
нақлиёти роҳи оҳан

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

**ШАРТНОМАИ**
**СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН**
**№ ______**

**ш. Душанбе** **«___» __________ соли 20__**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №_____________ аз санаи «___» ____________ соли 20__ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ____________________, ки дар асоси Оиннома амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар ______________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти _________________________________, ки дар асоси Оиннома амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳани мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд:

## 1. ШАРҲИ МАФҲУМҲО

1.1. Дар Шартномаи мазкур чунин мафҳумҳо истифода бурда мешавад:

- **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд.
- **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ Шартномаи суғуртаро бастааст.
- **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.
- **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.
- **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ.
- **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи Шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд.
- **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро Суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд.
- **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;
- **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.
- **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад.
- **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

## 2. ОБЪЕКТ ВА ҲУДУДИ СУҒУРТА

2.1. Объекти суғурта ин манфиати молумулкии Суғурташванда, ки бо соҳибӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдории воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан дар натиҷаи осеб дидан, нест шудан, гум шудан ё дуздидани он мебошад.

2.2. Ҳудуди фаъолияти суғурта – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

3.1. Маблағи суғуртавии Шартномаи мазкур ______________ (______________) сомонӣ _____ дирамро ташкил медиҳад.

3.2. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавӣ дар доираи маблағҳои суғуртавӣ дар ҳаҷми даъвоҳои асоснокшудаи Суғурташаванда сурат мегирад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 4. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Тибқи Шартномаи мазкур ҳодисаҳои дар боби 5 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд, ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ дониста мешаванд.

## 5. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Тибқи Тарифи суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур _____% аз маблағи суғуртавиро ташкил медиҳад.

5.2. Мукофоти суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур ________(__________) сомонӣ _____ дирамро ташкил медиҳад.

5.3. Аз рӯзи ба имзо расидани Шартномаи мазкур мукофоти суғуртавӣ бо пули миллӣ сомонӣ дар муддати 5 рӯзи корӣ дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. Ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо дар боби 11 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 7. ТАРТИБ ВА МУҲЛАТИ АМАЛИГАРДОНИИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Тибқи муқаррароти бобҳои 12-13 – и Қоидаи суғурта ба танзим даровarда мешавад.

## 8. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳое, ки зери таъсири боби 14 – и Қоидаи суғурта қарор гирифта бошад, аз амалӣ гардонидани пардохти суғуртавӣ даст кашад.

## 9. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

9.1. Шартномаи мазкур аз санаи _____________ соли 20_____ то санаи ________ соли ______ амал мекунад.

9.2. Баъди итмоми муҳлати амали Шартномаи мазкур, Шартнома барои соли навбатӣ бо пардохти мукофоти суғуртавӣ барои соли навбатӣ тамдид мегардад.

## 10. АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

10.1. Асосҳои қатъ гардидани Шартномаи суғурта дар боби 10 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 11. МАХФИЯТ

11.1. Тамоми маълумотҳое, ки дар доираи шартномаи мазкур ба тарафҳо маълум гардидаанд, махфӣ шуморида шуда, бояд дар муддати амали шартнома махфӣ нигоҳ дошта шаванд.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи мазкур бармеоянд дар асоси гуфтушуниди тарафҳо баррасӣ мегарданд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.2. Ҳангоми бо роҳи гуфтушунид ҳал нагардидани баҳс, тарафҳо метавонанд ба суд мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат намоянд.

## 13. ҚИСМИ ХОТИМАВӢ

13.1. Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба шартномаи мазкур, ки хаттӣ тартиб дода шудаанд ва дар он имзо ва муҳри тарафҳо дарҷ гардидаанд, қисми ҷудонашавандаи шартномаи мазкур буда, иҷрои он барои тарафҳо ҳатмист.

13.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха бо забони тоҷикӣ тартиб дода шуда, якнусхагӣ дар дасти тарафҳо нигоҳдошта мешаванд ва ҳар яки он қувваи якхелаи ҳуқуқӣ дорад.

13.3. Ҳолатҳои бо Шартномаи мазкур пешбининашуда тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан ба танзим даровarda мешаванд.

## 14. СУРОҒАИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО

### 14.1. СУҒУРТАКУНАНДА

ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

**РМА:**020030537

**РМБ:** 350101808

**с/ҳ:** 20202972780800000009

**Номи бонк:** ҶСП «Спитамен Бонк»

**с/м:** 20402972418081

**Телефон:** (+992) 44 601 79 97

**Сомона:** www.spi.tj

**Email:** info@spitameninsurance.com

Директори генералӣ

_________________ /__________.____./

(имзо) (ному насаб)

### 14.2. СУҒУРТАШАВАНДА:

___________________________________

**Суроға:** ___________________________

**РМА:** ______________________________

**РМБ:** ______________________________

**с/ҳ:** _______________________________

**Номи бонк:** _________________________

**с/м:** _______________________________

**Телефон:** (+992)

**Сомона:** ___________________________

**Email:** ____________________________

________________

________________/_____________________./

(имзо) (ному насаб)

## АЛОҚА БО МО:

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №3
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
нақлиёти роҳи оҳан

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

## ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

### СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН

Силсила: ___________ Рақам: ___________

Суғуртакунанда: ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»

Иҷозатномаи ______________ аз ҷониби БМТ дода шудааст

Суғурташаванда: ______________________________________________

Суроға: ______________________________________________

Муҳлати амал: аз «_____» ______________ с.20 ______ то «_____» _____________ с.20_

Объекти суғурта: ______________________________________________

Маблағи суғуртавӣ: ______________________________________________

Тарифи суғуртавӣ: ______________________________________________

Мукофоти суғуртавӣ: ______________________________________________

Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: ______________________________________

Санаи барасмиятдарории полиси суғуртавӣ: ______________________________

**СУҒУРТАШАВАНДА: бо Қоидаи суғуртаи ихтиёрии нақлиёти роҳи оҳан шинос шудам ва розӣ мебошам.**

| | |
|---|---|
| ИМЗО | НОМИ ҲУҚУҚИИ (НОМУ НАСАБИ) СУҒУРТАШАВАНДА |

**СУҒУРТАКУНАНДА (НАМОЯНДАИ СУҒУРТАКУНАНДА)**

| | | |
|---|---|---|
| ВАЗИФА | ИМЗО | НОМ ВА НАСАБ |

**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997 **Телефони боварии БМТ:** (+992) 44 600 15 20

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо навиед.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT